Билол! Ба воситаи он моро мавриди рохат ёфтан карор дех

Добавил(а) Administrator
19.09.25 01:08 - Тачдиди охирон 19.09.25 01:57

Ба номи Худованде, ки Рахмону Рахим аст.

Алхамду лиллохи раббил ъоламин. Вассалоту вассалому алалмабъуси рахматан лилъоламин ва ъало олихи ва сахбихи ачмаъин, Аммо баъд...



Донишманде мегуяд:

Мо хама харакатхои Расулуллох (с)ро дар намоз аз суннати ӯ пайдо кардем ва ба онамал намуд. Хама азкор ва акволе, ки дар намоз мегуфтанд, аз тарики суннат онхоро хам пайдо кардем ва ба он амал намудем.

Ин маънои онро дорад, ки харакатхои мо дар намоз ва хар кавлу зикри мо мувофики харакат ва акволу азкори Расулулох (с) мебошад. Аммо як чизи асосӣ мемонад: Расулулох (с) ба Билол (р) мегуфт: "Моро ба воситаи он рохат бидех". Маълум мегардад, ки намоз махалли рохат кардан ва оромиш пайдо кардан аст. Ин нуктаро аз Паёмбар (с) наёмухтем. ин эхсосот дар вучуди мо пайдо нагардидааст, ки аз намоз рохат намоем. Садхо масъала дар вакту раванди намоз хал карда мешавад. Ин масъалае аст, ки мавриди бахсхо гардидааст. Вале Расулуллох (с) дар намоз рохатро эхсос мекарданд. Он рохат бурдан хама аз илму маърифат ва тарбияи дурусут сарчашма мегирифт. Мо хам вакте мехохем аз намозамон истифода намоем, элон менамоем, то хама огох бошад.

Барои дарёфти матлаб ба шакли савтӣ (садо) инчоро зер кунед. 